Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ бевосита бо ҳуқуқ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар доираи танзими ҳуқуқии масъалаҳои сайёҳӣ зарурати омӯзиши ҷанбаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ бавуҷуд меояд. Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи "Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст ҷанбаҳои соҳаи мазкурро фаро мегирад. Масъалаҳои марбут ба муносибатҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиени муносибатҳои сайёҳӣ бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ танзим мегарданд. Баррасии масъалаҳои иқтисодии сайёҳӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ соҳибкорӣ ва механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хос мебошанд.

Бо назардошти, он ки мавзӯӣ мазкур ҷанбаҳои дар боло зикргардидаро фаро мегирад вай ба шиносномаи ихтисосии 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуки байналмилалии хусусӣ мувофиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодиёт буда, дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии бисёр кишварҳо саҳми арзанда мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо захираҳои нодири табиӣ ва мероси ғании фарҳангию таърихӣ барои рушди сайёҳии байналмилалӣ имкониятҳои бузург дорад.

Мубрамияти тадқиқот оид ба танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо якчанд омилҳо асоснок карда мешавад. Аввало, сайёҳӣ, метавонанд сарчашмаи алтернативии даромади иқтисодиёти миллӣ гардад, хусусан бо назардошти зарурати диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар ва коҳиш додани вобастагӣ аз соҳаҳои анъанавӣ. Сониян, равандҳои муосир, ҷаҳонишавӣ, ташкили заминаҳои самараноки ҳуқуқиро талаб менамояд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад ва ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиени онро таъмин карда тавонад. Набудани танзими дақиқи ҳуқуқӣ метавонад ба рушди соҳа монеъ шавад ва боварии сармоягузорону сайёҳони эҳтимолиро коҳиш диҳад. Сеюм, ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои сайёҳии ҷаҳонӣ бидуни ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёру стандартҳои байналмилалӣ имконнопазир аст. Ин дар доираи иштироки давлат дар ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ва созишномаҳо дар соҳаи сайёҳӣ муҳим аст

Аҳамияти махсусро омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар дар соҳаи танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва имкони мутобиқ кардани он ба шароити Тоҷикистон касб кардааст. Ин барои ошкор намудани механизмҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ муҳим аст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши масъалаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз нуқтаи назари доктриналӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро он ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат намуда, метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаҳои қонунгузории соҳаи сайёҳии кишвар замина гузорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки диссертатсия аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи марбут ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Гарчанде ки то ин дам роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни сайёҳи тадқиқотҳои алоҳида дар шакли мақолаҳои илмӣ, монографияҳо аз ҷониби муттахасисони самти иқтисодиет рӯйи чоп омода бошанд масъалаҳои ҳуқуқии он ва хусусан ҷанбаҳои байналмилалии сайёҳӣ чуқур таҳлил нагардидааст. Бинобар ин дараҷаи навгонии мавзуъ ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия дида мешавад барои рушди илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Тадқиқоти мазкур аввалин таҳлили низомноке мебошад, ки ҳам асосҳои назариявии танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ ва ҳам ҷанбаҳои амалии истифодабарии меъёрҳои байналмилалиро дар қонунгузории миллӣ нишон медиҳад.

Илова бар ин навгонии кор бо он муайян карда мешавад, ки дар он кӯшиши таҳлили мутобиқати қонунгузории миллии сайёҳӣ ба стандартҳои байналмилалӣ гузаронида шудааст, ки имкон медиҳад нуқсонҳое ки дар танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур ҷой дорад муайян муайян гарданд.

Дар диссертатсия инчунин як қатор пешниҳодҳои дахлдор дар самти мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ ба назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои шароити миллӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар раванди таҳқиқот намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқии батанзимдарории сайёҳии байналмилалӣ, шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ татбиқшаванда, зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон ва ғ.ра баррасӣ гардидаанд. Баррасӣ

гардидани ин масъалаҳо ва пешниҳодҳо мушаххас дар ин самт навгонии илмии рисолаи мазкурро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои илмие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд ҳақиқӣ ва боэътимод мебошанд. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои тадқиқотӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин татбиқи амалии онҳо дар соҳаи сайёҳӣ асос ёфтаанд. Натиҷаҳои бадаст омада ба рушди назария ва амалияи танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани хусусиятҳо ва дурнамои рушди он дар шароити воқеияти муосири геоиқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Тавсияҳое, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, нишон медиҳанд, ки онҳо натиҷаи омӯзиши дақиқ ва муфассали таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд. Пешниҳодҳо дар самти мукаммалгардонии қонунгузорӣ бо дақиқият ва зарурияти воқеии онҳо осос ёфтаанд. Масалан, барои таъмини шаффофият ва самаранокии муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ зарур аст, ки санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ барои танзими шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ (ШХП) ва миёнравӣ (ШМ) қабул карда шаванд. Ин санадҳо бояд:

- Меъёрҳои дақиқ барои муайян кардани масъулияти туроператорҳо, турагентҳо ва хизматрасонон дар доираи АИБ муқаррар намоянд.

- Талаботи сифати хизматрасониҳо, аз қабили истиқомат дар меҳмонхонаҳо, роҳбаладӣ, нақлиёт ва чорабиниҳои фарҳангиро, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошанд, муайян кунанд.

- Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи сайёҳони хориҷиро, аз ҷумла тартиби ҳалли баҳсҳо ва ҷуброни зиён, пешбинӣ намоянд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Дар натиҷаи анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ муаллиф як чанд пешниҳодҳоро манзур намудааст, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд. Аз ҷумла:

1. Пешниҳоди якуми муаллиф, ки дар он мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дода шудааст ба меъёрҳои навгонии илмӣ пурра ҷавоб дода, дар *инкишофи назарияи ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳми назаррас мегузорад. Навгонии илмии ин мафҳум дар он аст, ки муаллиф бори нахуст дар илми ҳуқуқии ватанӣ сайёҳии байналмилалиро ҳамчун як фаъолияти бисёрҷанбаи соҳибкорӣ, ки на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, экологӣ ва байналмилалиро дар бар мегирад, муайян кардааст. Баръакси равишҳои мавҷуда, ки сайёҳиро пеш аз ҳама дар заминаи иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, мафҳуми пешниҳодшуда таъсири комплексии онро ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар мегирад. Нуқтаи назари муаллиф ба субъектҳои таркибии сайёҳии байналмилалӣ, ки на танҳо иштирокчиёни анъанавии муносибатҳои сайёҳиро дар бар мегирад, балки хусусияти ҳамкории онҳоро дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ба инобат мегирад, ба ин критерия ҷавобгӯ мебошад. Навгони инчунин дар таснифи намудҳои сайёҳии байналмилалӣ, ки аз ҷониби муаллиф бо назардошти шарт ва имкониятҳои Тоҷикистон пешниҳод гардидаст зуҳур меёбад.

2. Дар нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф аҳамияти аҳдҳои иқтисоди берунаро дар соҳаи сайёҳӣ назаррас муайян намуда ҳамчунин хусусияти асосии аҳдҳои иқтисоди берунаро нишон додааст. Муаллиф изҳор медорад, ки хусусияти асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар хусусияти трансмиллӣ, зарурати риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва мураккабии танзими ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, зеро онҳо ба қонунгузории миллии тарафҳо ва стандартҳои СҶТ такя мекунанд.

3. Муаллиф дар нуқтаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшуда таснифоти ҳамаҷонибаи намудҳои асосии шартномаҳоро дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ анҷом дода, камбудиҳои танзими ҳуқуқии онҳоро ошкор кардааст. Дар рисола таҳлили аслии муносибати байни шартномаҳои хизматрасонӣ, шартномаҳои агентӣ ва шартномаҳои нақлиётӣ аз нуқтаи назари вазифаҳои онҳо дар соҳаи сайёҳӣ оварда шудааст. Навоварии таҳқиқот дар ошкор кардани камбудиҳои мушаххас дар КМ дар робита ба танзими шартномаҳои туристӣ ва таъсири онҳо ба сифати хизматрасонӣ зуҳур меёбад. Муаллиф муносибати байни номуайянии танзими ҳуқуқии муносибатҳои

шартномавӣ ва коҳиши эътимоди сайёҳони хориҷиро ба бозори сайёҳии кишвар нишон додааст.

4. Пешниҳоди дигари муаллиф, ки дар нуқтаи 4 ба ҳимоя пешниҳодгардида оварда шудааст ин низоми ягонаи танзими ҳуқуқии шартномаҳоро дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ мебошад. Дар ин пешниҳод усули нав барои тақсими масъулият байни ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, роҳбаладон ва ширкатҳои нақлиётӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон низоми нави ҷуброни зарар ба сайёҳон бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллӣ таҳия шудааст. Муаллиф робитаи байни сифати танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва ҷолибияти кишварро барои сармоягузорони хориҷӣ нишон додааст. Роҳҳои ҳали пешниҳодшуда ба ташкили муносибатҳои шаффофи шартномавӣ ва баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалии сайёҳи равона гардидаанд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида бо маҷмӯи усулҳои истифодашуда ва заминаи васеи сарчашмаҳо таъмин карда мешаванд. Асосноккунии илмӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки соҳаи сайёҳиро танзим мекунанд, асос ёфтааст. Методология ба равишҳои илмии муосир, аз ҷумла таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ ва системавӣ асос ёфтааст, ки барои тафсири пайгирона ва мантиқии маводи ҳуқуқӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси амалияи татбиқи ҳуқуқ имкон медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро гуногунии манбаъҳои омӯхташуда: санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ, нашрияҳои илмӣ, маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи соҳаи сайёҳӣ тасдиқ мекунанд. Нақши муҳимро оид ба дурустии хулосаҳои муаллифӣ ва мақул донистани онҳо конференсияҳо ва силсилаи мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ ташкил медиҳанд. Тавсияҳои таҳияшуда натиҷаи

омӯзиши мунтазами таҷрибаи байналмилалӣ буда, ба низоми ҳуқуқии миллӣ мутобиқ карда шудаанд. Эътибори онҳо бо истифодаи дурусти усули муқоисавии ҳуқуқӣ ва риояи принсипҳои объективии илмӣ тасдиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи усулҳои истифодашуда, ҳаҷми маводи таҳлилшуда ва натиҷаҳои санҷиш дараҷаи баланди эътимоднокии хулосаҳои бадастомада ва дурустии тавсияҳои пешниҳодшударо нишон медиҳанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.

Аҳамияти илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки бори аввал назарияи ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ таҳия гардида, илми ҳуқуқии ватаниро бо донишҳои нав оид ба муносибатҳои ҳуқуқии сайёҳӣ ғанӣ мегардонад. Аҳамияти амалии диссертатсия дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории сайёҳӣ ифода мсёбад, ки метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқии соҳа истифода шаванд. Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он аст, ки механизмҳои ҳуқуқии пешниҳодшуда метавонад барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахши сайёҳӣ ва афзоиши ёфтани даромад аз сайёҳии байналмилалӣ мусоидат намояд. Аҳамияти иҷтимоии рисолаи мазкур дар фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ба ин васила баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ зоҳир мегардад. Натиҷаи тадқиқотро метавон дар раванди таълим истифода намуд. Роҳҳои пешниҳоднамудаи муаллиф барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи туризм замина фароҳам меоранд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Сохтори рисолаи илмии Самизода Фуркат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, мукаддима, се боб, ҳашт

зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро дар бар мегирад. Дар мукаддима асоснокии интихобӣ мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, муайян мегарданд. Ҳамчунин, дар мукаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби яки диссертатсия ба тавсифи умумии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар диоари боби мазкур масъалаҳои мафҳум ва намудҳои сайёҳии байналмилалӣ, мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи сайёҳии байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - масъалаи хусусияти танзими ҳуқуқӣ ва муайян намудани ҳуқуқи нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ татбиқшаванда аз се зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ, шартномаи миёнравӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмиалалӣ ва муайян намудани ҳуқуқ нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ таҳлил гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия фарогири масъалаи механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин боб ду масъалаи муҳим - зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар ҳар як параграфи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф масъалаҳои мубрам ва муҳими марбут ба мавзуи тадқиқотро таҳлил намудааст. Маводҳои пешниҳодшуда шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бомуваффакият ҳал карда, роҳҳои халли дурусти проблемаҳои

муайяншударо ёфтааст. Пайдарҳамии баени масъала ва роҳҳои ҳалли он ба муаллиф имкон дод, ки ҳар як ҷанбаи мавзӯъро ҳаматарафа таҳлил кунад ва роҳҳои ҳалли мушаххасро пешниҳод кунад.

Дар доираи ин се боб муаллиф навонистааст масъалаҳои гузошташударо ба таври дахлдор таҳлил намуда хулосаҳои заруриро барорад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 10 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Эродхо ва холатхои бахсталаб доир ба диссертатсия. Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур дар доираи талаботхои дахлдор тахия гардидааст дар он баъзе камбудихо ва масъалахои бахнок бамушохида мерасад.

1. Дар мубрамият ва асосноккунии мавзӯ муаллиф иброз медорад, ки набудани меъёрхои мушаххас барои шартномахои хизматрасонии пулакӣ (ШХП) ва шартномаи миёнравӣ (ШМ) боиси нофахмихо дар муносибатхои байни субъектхои сайёхӣ мегардад, ки ба рушди соха таъсири манфӣ мерасонад (сах.6).

Аз нуктаи назари хукукӣ, акидаи пешниходшуда як катор камбудихои назаррасро дар бар мегирад ва онхоро наметавон сабаби асосии мушкилот дар сохаи сайёхӣ арзёбӣ намуд.

Аввало, конунгузории маданӣ ба иштирокчиени он истифодаи методи диспозитивиро иҷозат додааст. Дар доираи ин метод ҷонибхо дар асоси хохиш ирода ва мустақилияти худ муносибатхои хукукиро бавуҷуд меоранд. Онхо метавонад дар шартнома муқаррароти дахлдорро худашон зикр намоянд.

Мутобиқи КМ тарафхо хукук доранд дар доираи конунгузории ҷорӣ мазмуни шартномаро мустақилона муайян намоянд. Аз ин рӯ, мавҷуд набудани меъёрхои муфассал оиди бастани шартномахои сайёхӣ дар КМ боиси дар шартнома зикр нагардидани он асос намегардад. Ин холатро муаллиф маддӣ назар менамояд. Татбиқи конунгузории маданӣ аз рӯйи қиес имкон медихад, ки меъёрхои умумии хукуки шартномавӣ нисбат ба муносибатхои мушаххаси сохаи сайёхӣ татбиқ карда шаванд ва хамин тавр дақиқияти хукукиро таъмин намоянд.

Сеюм, муаллиф проблемахои хукукиро бесабаб бо нишондихандахои иқтисодии соха алоқаманд мекунад. Рушди сайёхӣ аз бисёр омилхо вобаста аст: инфрасохтор, маркетинг, суботи сиёсӣ ва муносибатхои байналмилалӣ. Танзими хукукӣ танхо як унсури низом аст ва номукаммалии он наметавонад сабаби ягона ё асосии рушд наёфтани соха гардад. Ва ниҳоят, муаллиф маълумоти эмпирикиро, ки алоқаи сабабии натиҷахои байни камбудихои

танзими ҳуқуқӣ ва проблемаҳои рушди сайёҳиро тасдиқ мекунанд, пешниҳод накардааст, ки гуфтаҳои ӯро аз нуқтаи назари илмӣ беасос мегардонад.

2. Дар рисолаи мазкур муаллиф ҳашт маротиба зикр намудааст, ки Фаронса дар соли 2023 беш аз 90 миллион сайёҳро қабул кардааст. Инчунин 8 маротиба зикр гардидааст, ки дар соли 2023 даромади умумӣ аз сайёҳи ба 1.4 триллион доллари ИМА расидааст. Гаштаву баргашта такрор кардан ба фаҳмиши хонанда халал мерасонад ва ҷараёни мантиқии пешниҳодро вайрон карда, сифати умумии рисоларо паст менамояд. Тибқи стандартҳои аз ҷониби умум қабулшуда ва этикаи касбии илмӣ, ҳар як пешниҳандаи оморӣ бояд танҳо як маротиба бо иқтибоси мувофиқ оварда шавад. Такрори барзиёди маълумоти якхела ҳаҷми зиёдро фаро мегирад, ки дар ҷойи он имкон дошт маълумотҳои дигар ё масъалаҳои дигарро мавриди омӯзиши чуқур қарор дод.

3. Муаллиф зикр менамояд, ки дар Тоҷикистон, сайёҳон аксар вақт бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳимояи ҳуқуқи онҳоро таъмин карда наметавонад, зеро шартномаҳои АИБ муқаррароти дақиқӣ марбут ба ҷуброни зарарро дар ҳолати хизматрасониҳои пастсифат пешбинӣ намекунад. Ин бешниҳоди муаллиф аз нигоҳи ҳуқуқӣ баҳснок ба назар мерасад (сах.113). Ақидаи мазкур механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро, ки дар КМ мавҷудаст мадди назар мекунад. Аз ҷумла институти ҷавобгарии деликтӣ ҷуброн намудани зарареро ки ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахс дар натиҷаи хизматрасонии паст сифат расонида шудааст пешбинӣ менамояд, ки барои ҳимояи манфиатҳои сайёҳон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд. Дар умум, Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии 9 Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Мукарризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои Ҷ.Қ. Бобозодаро-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.
17.09.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (992) 231-08-43. E.mail: jamrod@mail.ru